# ХУЛОСАИ
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №___**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз**
**5 июли соли 2025, №72**

**Дар бораи сазовор донистани Давлатзода Дилшод Маҳмадзариф, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Давлатзода Дилшод Маҳмадзариф дар мавзуи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ санаи 05-уми июли соли 2025, №72 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети хуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Давлатзода Дилшод Маҳмадзариф 07-уми июни соли 1986 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2005 ба факултети хуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда онро соли 2010 хатм намудааст.

Аз соли 2008 то ин ҷониб ба ҳайси оператори маркази тестӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ ДМТ аз 10-уми феврали соли 2025 №4/4 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;

– **Сафарзода Ҳаёт Саидамир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Оралбоев Ҳ.К. ихтисос (12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисод, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобозода Ҷ.Қ. ва котиби ҷаласа муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисоди,молияви ва зиддикоррупсионии онишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳомидов Р.А. имзо ва аз ҷониби сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А., дар санаи 10.06.2025 сол тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Сатҳи навгонӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба таҳлили илмии масъалаҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ вобаста ба муҳокимаи судӣ дар ғоибии айбдоршаванда дар марҳилаҳои тосудӣ ва дар ғоибии судшаванда дар муҳокимаи судӣ баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар доираи меъёрҳои КМҶ ҶТ гузаронида шудааст.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниҳодҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд.

Унвонҷӯ доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 4 тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва 6 мақолаи дигар дар нашриёҳои дигар ба нашр расидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Давлатов, Д.М. Таърихи инкишофи қонунгузори оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ [Матн] / Д.М. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2013. – №3/5 (118). – С. 161-166; ISSN 2074-1847.

**[2-М].** Давлатов, Д.М. Мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ [Матн] / Д.М. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – №4/2 (39). – С. 371-375; ISSN 2308-054X

**[3-М].** Шарипов, Т.Ш., Давлатов, Д.М. Объекти ҷиноятҳо ба муқобили амниятӣ иттилоотӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов, Д.М. Давлатов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №4 (48). – С. 140-145; ISSN 2305-0335.

**[4-М].** Шарипов, Т.Ш., Давлатов, Д.М. Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои вазнинкунандаи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов, Д.М. Давлатов // Паёми Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. – Ҷилди 2. – 2023. – №4 (36). – С. 105-112; ISSN 2709-6246.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашриёҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М].** Давлатов, Д.М. Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноӣ ва криминологии ҷиноятҳои компютерӣ [Матн] / Д.М. Давлатов // Маҷмуи мақолаҳои илмӣ-назариявии олимон, муҳақиқони ҷавон ва коршиносони соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон бахшида ба "Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар мавзуи "Ҷавонон ва илми муосир". – Душанбе: Нашриёти ҶДММ "Тараққиёт", 2013. – 456 с. – С. 79-85.

**[6-М].** Кудратов, Н.А., Давлатов, Д.М. Уголовная ответственность за преступления против информационный безопасности (компьютерной информации) по уголовному законодательству стран СНГ: сравнительно правовое анализ [Текст] / Н.А. Кудратов, Д.М. Давлатов // Сборник научных трудов: Правовое государство и гражданское общество в современном мире. – Караганды: Карагандинский государственный университет им. Е.А. Букетова, 2014. – С. 12-18; ISBN 978-9965-39-500-0.

**[7-М].** Давлатов, Д.М., Камолов, З.А. Таснифоти ҷиноятҳои ба муқобили амнияти иттилоотӣ [Матн] / Д.М. Давлатов, З.А. Камолов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии Академияи

Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба “25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо” (ш. Душанбе, 26 майи соли 2023). – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – 294 с. – С. 77-82.

**[8-М].** Давлатов, Д.М. Хусусиятҳои предмети ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ [Матн] / Д.М. Давлатов // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли “Маърифати ҳуқуқӣ” дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ”– Душанбе: “ДБССТ”, 2024. – С. 396-401.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Буризода Э.Б.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Қодирзода Д.С.** – муовини якум, муовини ректор оид ба таълими Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ, номзади илмҳои ҳуқукшиносӣ, дотсент;

**Давлатзода К.Д.** – сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳукуқшосӣ, дотсент.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Дар заминаи эмпирикӣ муаллиф нишон додааст, ки амалияи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар солҳои 2015-2021- ро истифода намудааст (саҳ.12), вале дар саҳифи 5 автореферат маълумотҳои оморӣ танҳо барои солҳои 2019-2024 оварда шуда, омори солҳои пештара аз мадди назар дур мебошад.

2. Дар пешниҳоди №1 муаллиф менависад, ки «Кирдорҳое, ки ба амнияти иттилоотӣ тахдид мекунанд, хусусияти қасдона ва ғайриқонунӣ доранд». Истилоҳи «ғайриқонунӣ» дар пешниҳоди мазкур баҳснок мебошад. Оё ба амнияти иттилоотӣ қонунан тахдид кардан мумкин аст?

3. Дар пешниҳоди №5 муаллиф чунин менависад «Дар соҳаи амнияти иттилоотӣ вобаста ба таркиби ҷинояти мушаххас ба сифати предмета он метавонанд ҳам ҷузъҳои моддӣ ва хам гайримоддӣ баромад кунанд. Ба чунин ҷузъҳо намудҳои гуногуни иттилооти компютерӣ, барномаҳои зараровар, вирусҳои компютерӣ, маълумотҳои рақамӣ ва дигар унсурҳои ба инҳо монанд дохил мешаванд». Оё вирусҳои

компютерӣ предмети ин гурӯҳи ҷиноятҳо шуда метавонанд? Шарҳи иловагии муаллиф талаб карда мешавад.

4. Дар пешниҳоди дуюм муаллиф баён медорад, ки «қонунгузории баъзе кишварҳои ИДМ дорои таркибҳои ҷиноятие мебошанд, ки барои КҶ ҶТ хос нестанд. Аз ин рӯй, ворид намудани чунин таркибҳои ҷиноятӣ ба КҶ ҶТ мувофиқи мақсад дониста мешавад» (саҳ. 13). Вале аз ҷониби муаллиф мушаххас таркиби чунин ҷиноятҳо, ки зарурат ва асоснокии ҷойгир намудани онҳо дар КҶ ҶТ вуҷуд дорад, ба таври дақиқ нишон дода нашудааст. Аз диссертан хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро ин масъаларо равшан созад.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии мо алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**коркард карда шуд:** меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, асосҳои иҷтимоии муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятҳо барои чунин кирдорҳо, омӯзиши амалияи судӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзуъ;

− **пешниҳод шудааст:** роҳҳои такмил додани таркиби ҷиноятҳои алоҳидае, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ муайян месозанд; дуруст бандубаст намудани ҷиноятҳои мазкур, хусусиятҳои муқаррар намудани аломатҳои алоҳидаи вазнинкунандаи таркиби ҷиноятҳои мазкур;

− **исбот шудааст:** асоснокии криминализатсия намудани кирдорҳои ба амнияти иттилоотӣ таҷовузкунанда; номгузории мувофиқи ин гурӯҳи ҷиноятҳо дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, васеъ намудани доираи субъекти ҷиноятҳои мазкур, такмил додани аломатҳои вазнинкунандаи таркиби алоҳидаи ҷиноятҳои мазкур;

– **ҷорӣ намудан:** Дар моддаҳои 298-304 КҶ ҶТ илова намудани мафҳуми иттилооти компютерӣ, дар эзоҳои м. 298 КҶ ҶТ муқаррар

намудани эзоҳе, ки зарари ҷиддиро муайян месозад, дар асоси таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ асоснок намудани ҷорӣ кардани таркибҳои ҷиноятҳои алоҳидае, ки дар КҶ ҶТ ҷой надоранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ баррасӣ намудааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар илмҳои ба мавзуи мазкур алоқаманд мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳои ба мавзуи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд. Хулосаву пешниҳодоти дар рисола таҳиянамудаи муаллиф метавонанд дар самтҳои такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ; дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти судӣ ва тафтишотӣ истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро дар раванди омӯзиши фани «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», аз ҷумла курсҳои махсуси «Бандубасти ҷиноят”, “Бандубасти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» истифода бурдан ба мақсад мувофиқ хоҳанд буд. Ҳамчунин, мақомоти ҳуқуқтатбиққкунанда натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро ҳангоми бандубасти кирдорҳои мазкур ба инобат гирифта метавонанд.

− **баён шудани** оне ки масъалаҳои танзими қонунгузории ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таркиби алоҳидаи ин ҷиноятҳо, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд..

− **ошкор гардидани** он ки паҳлуҳои зиёди масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ниёз ба таҳқиқоти нав дошта, зарурати таҳқиқоти комплексиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба мафҳумҳои дар боби 28 КҶ ҶТ истифодагардида; оид ба ҷой ва таркиби ҷиноятҳои баррасишаванда дар низоми умумии ҷиноятҳо дар соҳаи амниятии иттилоотӣ; вобаста ба аломатҳои объективӣ ва субъективиии таркибҳои ҷиноятҳои баррасишаванда андешаҳои ягона ҷой надорад.

− **омӯхта шуданд:** қонунгузории миллӣ, санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ вобаста ба криминализатсия намудани ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ.

− **аз нав такмил додани:** меъёрҳои қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгариро барои кирдорҳои ба амнияти иттилоотӣ

таҷовузкунанда муқаррар менамоянд, такмил додани таркиби алоҳидаи ин ҷиноятҳо, аз ҷумла аломатҳои тарафи объективӣ, предмет, тарафи субъективӣ ва субъекти ин ҷиноятҳо

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқкарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмуи воситаҳои қонунии мубориза бар зидди ҷиноятҳои ба муқобили амнияти итттилоотӣ мусоидат намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин соҳа замина мегузоранд. Ҳамчунин, ин натиҷаҳо метавонанд барои такмили қонунгузории кишвар, меъёрҳои боби 28 КҶ ҶТ "Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ", мусоидат намоянд.

− **муайян карда шуданд, ки** сарфи назар аз қабули санадҳои зиёди меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, густариши доираи муносибатҳо дар ин самт, баланд гардидани сатҳи донишу малакаи истифодаи воситаҳои техникӣ ва истифодаи ғайриқонунии онҳо боиси афзоиши шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда вобаста ба истифодаи чунин технологияҳо мегардад.

− **офарида шуд:** дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ мафҳумҳои асосии дар боби 28 КҶ ҶТ истифода гардида, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, мафҳумҳои нави ин истилоҳҳот таълиф гардидаанд.

**муаррифӣ карда шуд:** кирдорҳое, ки ба амнияти иттилоотӣ таҳдид мекунанд, хусусияти қасдона ва ғайриқонунӣ доранд. Онҳо дар шакли дастрасии беиҷозат ба системаҳои рақамӣ ва шабакаҳои коммуникатсионӣ зоҳир мегарданд, ки метавонанд боиси халалдор шудани кори мӯътадили онҳо шаванд. Чунин кирдорҳо механизмҳои муқарраршудаи ҳифзи иттилоотро заиф намуда, барои ҳифз, дастрасӣ ва махфияти маълумот хатар эҷод мекунанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** як қатор хулосаву пешниҳодҳо ва натиҷаву тавсияҳои илман асосноки пешниҳодгардида, дар самти ислоҳ намудани мушкилоти татбиқи меъёрҳои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ дар асоси таҳлил ва омузиши қонгузории ҷиноятӣ, санадҳои алоҳида дар соҳаи ҳифзи иттилоот, таҷрибаи байналмилалӣ, қонунгузориҳои давлатҳои хориҷӣ,таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ ба даст оварда шуда, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок мебошанд.

− **ғоя асоснок шудааст, ки** масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ аз арзёбии ҳамаҷонибаи кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок, ки метавонанд муносибатҳоро дар ин

соҳа вайрон созанд, бармеояд. Бо назардошти ин, бояд Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шавад ва бо дарназардошти вазъияти криминогенӣ дар ин самт сатҳи ҳифзи фазои рақамӣ баланд бардошта шавад.

– **истифода шудаанд:** истилоҳои “амнияти иттилоотӣ”, “дастрасии ғайриқонунӣ”, “зарари ҷиддӣ”, ки дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ пешбинӣ шудаанд. Дар натиҷаи таҳқиқот муқаррар карда шудааст, ки имрӯз зарурати ҷиддӣ ба такмили истилоҳоти ҳуқуқие, ки дар КҶ ҶТ, санадҳои меъёрӣ истифода мешаванд, ба миён омадааст, зеро набудани истилоҳоти ягона ва муқарраршуда татбиқи амалии қонунгузориро мушкил мегардонад.

– **муайян шудаанд:** масъалаи зарурати ҷорӣ намудани меъёрҳои нави қонунгузории ҷиноятӣ ё, баръакс, хориҷ кардани муқарраротҳои кӯҳнашудае, ки ба воқеияти рақамии имрӯза мутобиқ нестанд, ҳанӯз кушода боқӣ мемонад. Бидуни таҳқиқоти ҳамаҷониба ҷавоб додан ба ин савол, ки оё ҳамаи таркибҳои ҷиноятии мавҷуда дар ин соҳа аз нуқтаи назари хавфи ҷамъиятӣ ва мақсаднокии таъини ҷавобгарии ҷиноятӣ асоснок мебошанд ё не, ғайриимкон аст.

– **истифода шуданд:** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёриву ҳуқуқии марбут ба ҳифзи иттилоот, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омори ҷиноятии ВКД ҶТ, амалияи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар солҳои 2015-2021, марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, инчунин парвандаҳои чиноятие, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 05 июни соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Давлатзода Дилшод Маҳмадзариф дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктор ва 1 нафар номзад аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд:

ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**05 июли соли 2025**